# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020
## назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
## барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 02.10.2025, №105

Барои сазовор донистани Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим дар мавзуи «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 26-уми июни соли 2025, суратмаҷлиси №97 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим 3-юми июни соли 1983 дар деҳаи Бӯрёбофи ноҳияи Рӯдакии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 2006 факултети журналистика ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро хатм намудааст.

Аз соли 2024 то имрӯз муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода мебошад.

Соли 2017 рисолаи номзадиашро дар мавзуи «Муҳтавомандӣ ва гуногунрангии жанрҳои барномаҳои телевизионӣ (дар мисоли телевизионҳои давлатии тоҷик)» зери роҳбарии номзади илмҳои филологӣ, дотсент И.Ҳамидиён ва мушовирии профессор Асадулло Саъдуллоев ҳимоя намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Мушовирони илмӣ: Салими Хатлонӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода;

**Абдуллозода Масрур Аҳмад** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи рӯзноманигории ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ**: **Салимӣ Носирҷон Юсуфзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, узви Комиссияи маркази интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон; **Қосимзода Солеҳ Салим** – доктори илмҳои филологӣ, сардори раёсати магистратура, аспирантура ва докторантура (PhD)-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; **Ҳошимзода Бахтиёр Ҳошим** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, декани факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёт Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессор Элбоев Вафо Ҷурақулович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Шерализода Адолат имзо гардида, бо имзою мухри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Ибодуллозода А.И. тасдиқ шудааст, қайд менамоянд, ки диссертатсияи диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович «Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур бевосита иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 27 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 15 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводди интишоргардида

нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Монография:**

[1-М]. Абдураҳимов, Б. Афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар адабиёти солҳои бистуми асри XX (Дар асоси маводди нашрияҳои «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш») / Б. Абдураҳимов. – Душанбе: ҶДММ «Абдураҳмон – Р», 2025. – 250 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[2-М]. Абдураҳимов, Б.А. Хусусиятҳои жанри ҳикоя дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва таъсирпазирии он аз повести устод Айнӣ «Одина» / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №2 (85). – С. 101-110.

[3-М]. Абдураҳимов, Б.А. «Шуълаи инқилоб» – поягузори жанри ҳаҷв дар адабиёти навини тоҷик ва матбуот / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С. 63-71.

[4-М]. Абдураҳимов, Б.А. Намунаи шеъри иҷтимоӣ дар маҷаллаи «Оина» / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 263-271.

[5-М]. Абдураҳимов, Б.А. Ду иқдоми наҷиби рӯзномаи «Бухорои шариф» / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4 – С. 306-313.

[6-М]. Абдураҳимов, Б.А. Пайванди адабиёти навин ва матбуоти тоҷик / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №5 (88) – С.79-85.

[7-М]. Абдураҳимов, Б.А. Вазифаи руҷӯи лирикӣ дар матбуот (дар мисоли маҷаллаи «Оина») / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С. 112-119.

[8-М]. Абдураҳимов, Б.А. Иртибот ва таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №4 (44). – С. 92-101.

[9-М]. Абдураҳимов, Б.А. Махсусиятҳои фелетони матбуоти аввалини тоҷик / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №6 (95). – С. 212-219.

[10-М]. Абдураҳимов, Б.А. Мавқеи нашрияҳои тоҷикӣ дар баландбардории эътибори байналмилалии забон / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ. – Хоруғ, 2022. – №4 (24). – С. 10-19.

[11-М]. Абдураҳимов, Б.А. Масъалаҳои маориф дар шеър ва публитсистикаи маҷаллаи «Оина» / Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С. 152-161.

[12-М]. Абдураҳимов, Б.А. Шаклгирии анвои тозаи насри бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») / Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №3 (55). – С. 119-128.

[13-М]. Абдураҳимов, Б.А. Вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (111). – С. 125-134.

[14-М]. Абдураҳимов, Б.А. Хусусияти жанрҳои нави бадеӣ дар нашрияҳои солҳои бистум / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №4 (56). – 218-225.

[15-М]. Абдураҳимов, Б.А. Нақши рӯзномаи «Бедории тоҷик» дар шаклгирии андешаи миллӣ ва танқиди иҷтимоӣ (1925-1928) / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2025. – №1 (57). – 222-231.

[16-М]. Абдураҳимов, Б.А. Ҷустуҷӯи мазмун ва шакли нав дар шеърҳои «Бухорои шариф» / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2025. – №2 (115). – С. 166-175.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[17-М]. Абдураҳимов, Б.А. Таҳлили намунаи осори устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №3 (011). – С. 252-260.

[18-М]. Абдураҳимов, Б.А. Саҳми рӯзномаи «Бухорои шариф» дар ташаккули забони адабӣ / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №4 (012). – С. 217-224.

[19-М]. Абдураҳимов, Б.А. Эътибори байналмилалии забон ва нашриёҳои тоҷикӣ / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо». – Душанбе, 2020. – С. 9-15.

[20-М]. Абдураҳимов, Б.А., Қаҳорзода, М., Маҳкамов, Д. Махсусияти тарҷумаи бадеӣ дар нашриёҳои тоҷикӣ / Б.А. Абдураҳимов., М. Қаҳорзода, Д. Маҳкамов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо». – Душанбе, 2020. – С. 233-242.

[21-М]. Абдураҳимов, Б.А. Баҳрабардории мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷиқ дар асри ХХ». – Душанбе, 2021. – С. 312-327.

[22-М]. Абдураҳимов, Б.А. Таҳқиқ ва таҳлили осори адабии рӯзномаи «Бедории тоҷик» / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – №3 (015). – С. 200-207.

[23-М]. Абдураҳимов, Б.А.Ташаккули забони адабӣ дар нимаи аввали асри ХХ дар Бухоро / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 28-44.

[24-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д., Қаҳорзода, М. Ташаккули жанрҳои нави насри бадеӣ дар матбуоти аввалини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») / Б.А. Абдураҳимов, Д. Маҳкамов, М. Қаҳорзода // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри ХХ». – Душанбе, 2021. – С. 420-441.

[25-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С. Баррасии шаммае аз асарҳои Садриддин Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» / Б.А. Абдураҳимов, Д.С. Маҳкамов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 45-67.

[26-М]. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуот дар инъикоси адабиёти давраи навини тоҷик / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами *забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир*». – Душанбе, 2022. – С. 26-34.

[27-М]. Абдураҳимов, Б.А. Навовариҳо дар ашъори рӯзномаи «Бухорои шариф» / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Филологияи шарқ: пажӯҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 438-448.

[28-М]. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуоти нахустини тоҷикӣ дар шаклгирии услуби тарҷумаи бадеӣ / Б.А. Абдураҳимов // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи «тарҷумашиносӣ»«. – Душанбе, 2024. – С. 16-28.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода **Муъминҷонов Зулфиддин** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, пажӯҳиши Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим яке аз дастовардҳои муҳимми адабиётшиносӣ ва рӯзноманигорӣ буда, арзиши баланди илмию амалӣ дорад. Ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Дар баъзе қисматҳо андешаҳо каме умумӣ баён шудаанд. Масалан, зикр мегардад, ки «матбуот ба ташаккули худшиносии миллӣ таъсир гузошт», аммо далелҳои мушаххас аз навиштаҳои рӯзномаҳо кам оварда шудаанд. Агар як-ду матни мушаххас аз «Бухорои шариф» ё «Оина» иқтибос мешуд, арзиши таҳлил бештар мегардид.

2. Диссертант аслан ба вазъи матбуоти тоҷикӣ такя кардааст. Дар ҳоле ки имконият буд бо матбуоти Русия ё дигар мамолики хориҷ муқоисаи мустақим сурат гирад.

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи лингвистикаи Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе **Ҳасанова Таҳмина** низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим пажӯҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод мешавад. Ҳамзамон, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ, чунин эродҳо пешниҳод гардидаанд:

– Ҳарчанд кори илмӣ бо ҷиддият ва заҳмати фаровон анҷом пазируфтааст, бархе нуктаҳое низ ҳастанд, ки метавонанд мавриди таваҷҷуҳи бештар қарор гиранд. Пеш аз ҳама, бояд гуфт, ки дар баъзе қисматҳои кори

илмӣ тафсилоти зиёдатӣ ба назар мерасад, ки онҳоро метавон бо шеваи мухтасар иваз намуд, то матн фасоҳати бештар пайдо кунад.

– Гузашта аз ин, дар баррасии баъзе жанрҳо, аз ҷумла, фелетон ва ҳаҷвия, шояд имкони боз ҳам муфассалтар нишон додани таъсири онҳо ба афкори ҷамъиятӣ вуҷуд дошт, ки муаллиф онро мухтасар гузаштааст. Дар бахши барномаҳои амалии истифодаи натиҷаҳо низ бештар ба соҳаи донишгоҳҳо такя шудааст, ҳол он ки имкони татбиқи он дар муассисаҳои миёна ва марказҳои омӯзишии ҷомеа низ вуҷуд дорад.

**3.** Дар **тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара **Саидҷаъфаров Озод** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Бо вуҷуди он ки муаллиф дар баррасии таъсири жанрҳои адабӣ ба матбуот ва баръакс муваффақ шудааст, масъалаи қабули ин падидаҳо аз сӯйи хонандаи замон ва таъсири воқеии онҳо ба зеҳн ва завқи ҷомеа таҳлили мустақим наёфтааст. Агар ин масъала дар сатҳи психологияи хонанда низ баррасӣ мешуд, беҳтар мешуд.

2. Дар автореферат бештар ба адибони мард ишора рафтааст ва масъалаи эҳтимолии иштироки занон дар навиштани асарҳои бадеӣ ё мақолоти рӯзноманигорӣ дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ комилан канор мондааст.

**4.** Доктори илмҳои филологӣ, дотсент, директори генералии Муассисаи давлатии «Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб» **Асозода Ҳотам** ба автореферати диссертатсия **тақризи мусбат** пешниҳод намуда, аз ҷумла, ба чанд нукта ишора кардааст:

1. Дар баъзе мавридҳо таъкид бар бархе муаллифон ва сарчашмаҳо бештар аст ва дар натиҷа бархе ҷанбаҳои назариявӣ дар соя мемонанд, ҳол он ки метавонист бо тавозуни бештари манобеъ масъалаҳо дақиқтар арзёбӣ шаванд.

2. Дар қисмати «навгониҳо», ки бояд самараи тоза ва иловаи муҳаққиқ ба илмро нишон диҳад, баъзе ҷумлаҳо хосияти умумӣ доранд (монанди: «дар кори илмӣ хусусиятҳои жанрии очерк таҳлил шудааст»), аммо дар мисоли кадом муаллиф ва кадом мақола ин сурат гирифтааст, нишон дода нашудааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

– заминаҳои пайдоиши матбуоти нахустини тоҷикӣ ва намунаҳои осори бадеие, ки дар онҳо ҷой дода шудаанд, **муайян гардидааст;**

– омилҳои нашри матолиби зиёди осори бадеӣ дар матбуоти соҳавии маориф дар оғози асри XX **таъин шудааст;**

– сатҳи таъсири намунаҳои адабиёти бадеӣ ба шаклгирии жанрҳои матбуотӣ, аз ҷумла, фелетон, репортаж ва очерки сайёҳӣ **мушаххас гардидааст;**

– саҳми матбуот дар тавсеаи жанрҳои анъанавии адабиёти классикӣ ва зуҳури шаклҳои нави бадеӣ **баррасӣ шуда,** нақши адабиёт дар ташаккули жанрҳои нави матбуотӣ **мушаххас гардидааст;**

– мазмуну муҳтавои асарҳои бадеӣ, ки дар нашрияҳои нахустини тоҷикӣ – «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» (то соли 1929) чоп шудаанд, **таҳлил ёфтааст;**

– шакл, услуб ва жанрҳои нави осори бадеӣ, ки дар нашрияҳои зикршуда интишор ёфтаанд, **муайян шуда,** хусусият ва зарурати таҳқиқи ин масоил **асоснок гардидааст;** .

– омилҳои интишори асарҳои публитсистикаи бадеӣ ва тарҷумавӣ дар матбуоти аввалини тоҷикӣ **мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;**

– меъёрҳои интихоб ва нашри тарҷумаҳои бадеӣ дар «Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб» **муайян карда шудааст;**

– фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» ва нашри осори ӯ дар рӯзномаву маҷаллаҳои даҳсолаи бистуми асри XX **баррасӣ гардидааст;**

– намунаҳои ибтидоии публитсистикаи бадеӣ дар «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик» таҳлил шуда, хусусиятҳои мавзуӣ, забонӣ ва сабкии онҳо **мушаххас ва собит шудааст;**

– замина ва сарчашмаҳои пайдоиши жанрҳои нави бадеӣ ва матбуотӣ, аз қабили фелетон, ҳаҷвия, назира, мутоиба, шеъри мансур, сафарнома, суҳбат, саҳнача ва намоишнома дар матбуоти аввалини тоҷикӣ **таъин гардидааст;**

– раванди ташаккули жанрҳои ҳикоя дар матбуот ва адабиёти тоҷик омӯхта шуда, сатҳи таъсирпазирии он аз осори насрии устод Айнӣ **муайян гаштааст;**

– ҷойгоҳи гӯшаю саҳифаҳои адабӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ **муқаррар гардидааст;**

– забон, сабк ва услуби намунаҳои адабӣ дар нашрияҳои аввали тоҷикӣ **муқоиса шуда,** сабабҳои заиф гаштани забони асарҳо дар нимаи дувуми солҳои бистуми асри XX **тавзеҳ ёфтааст;**

– робитаи шоиру нависандагон бо рӯзномаву маҷаллаҳо **баррасӣ гардида,** нақши он дар ташаккули маҳорати эҷодии онҳо **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он ифода ёфтааст, ки масъалаи таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри XX бори аввал дар қолаби диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар кори мазкур

робитаҳои назариявии ду соҳа: адабиёт ва рӯзноманигорӣ мушаххас гардида, дарки наве аз таърихи ташаккули адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. Бо такя ба сарчашмаҳои аслӣ, матни пажӯҳиш нишон дода шудааст, ки адабиёт ва матбуот на танҳо заминаи ифодаи андешаи иҷтимоиву сиёсӣ буданд, балки ҳамчун падидаи фарҳангӣ дар ташаккули афкори ҷамъиятӣ саҳм гузоштаанд. Аз нигоҳи назариявӣ, таҳқиқ равишҳои муосири таҳлил – таърихӣ, муқоисавӣ, сабкшиносӣ ва жанршиносиро ҳамоҳанг намуда, заминаи методологии омӯзиши адабиёти навинро васеъ кардааст. Ҳамчунин, тавассути муайянсозии нақши матбуот дар рушди жанрҳои адабӣ ва баръакс, саҳми адабиёт дар шаклгирии жанрҳои матбуотӣ, назарияи ҳамдигартаъсирии ин ду соҳа ғанӣ гардонида шудааст. Таҳқиқ собит намудааст, ки назарияи шаклгирии забони адабии тоҷикро бидуни баррасии нақши матбуот наметавон комилан фаҳмид. Ҳамин гуна бардошту хулосаҳо ҷойгоҳи илмии пажӯҳишро дар низоми илмҳои адабиётшиносӣ ва рӯзноманигорӣ устувор мегардонанд.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада**, пеш аз ҳама, дар имконияти татбиқи онҳо дар низоми таҳсилоти олӣ ифода ёфтааст. Мавод ва хулосаҳои пажӯҳишро ҳамчун асос дар ҷараёни таълими фанҳои «Таърихи журналистикаи тоҷик», «Ташаккули адабиёти навини тоҷик», «Робитаи адабиёт ва матбуот» ва «Назарияи журналистика» истифода намудан имкон дорад. Бо истифода аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон барномаҳои нави таълимиро тарҳрезӣ кард, ки донишҷӯёнро бо механизмҳои ҳамкорӣ ва таъсиррасонии дуҷонибаи адабиёт ва матбуот ошно месозанд. Хулосаҳои таҳқиқ метавонад дар фаъолияти эҷодии рӯзноманигорон ва адибони ҷавон ба кор гирифта шавад, зеро дар ин кор нишон дода шудааст, ки чӣ гуна осори бадеӣ метавонад матбуотро хонданбоб гардонад ва матбуот чӣ гуна барои рушди жанрҳои адабӣ мусоидат карда метавонад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** нишон доданд, ки хулосаҳо бар асоси сарчашмаҳои аслӣ ва бо риояи талаботи илмӣ ба даст оварда шудаанд. Барои таҳқиқ нашрияҳои ибтидои асри XX – «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» истифода гардида, бо усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлилӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Натиҷаҳо бо мисолҳои мушаххас аз матолиби чопшуда тасдиқ шудаанд. Диссертант бо истифода аз далелҳои воқеӣ нишон додааст, ки таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот раванди воқеӣ ва таърихист, на фарзия ё тахмин. Бо такя ба меъёрҳои методологӣ хулосаҳо ба таври мантиқӣ ва пайваста пешниҳод шудаанд. Ҳамин тавр, эътимоднокии натиҷаҳо бо якҷоя кардани сарчашмаҳои хаттӣ, таҳлили мундариҷа ва таҷрибаи пешинаи муҳаққиқон таъмин гардидааст.

**Саҳми шахсии довталаб** дар он ифода ёфтааст, ки бори аввал масъалаи таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри таҳқиқ шудааст. Диссертант равишҳои гуногуни таҳлилӣ – таърихӣ, муқоисавӣ, сабкшиносӣ ва жанршиносиро ба таври созанда ба ҳам пайваста, ҳалли илмии масъалаҳои мавриди назарро пешниҳод кардааст. Бо истифода аз осори нашрияҳои аввали тоҷикӣ робитаи дуҷонибаи адабиёт ва матбуот собит карда шудааст. Муайян карда шудааст, ки матбуот заминаи зуҳури жанрҳои навини адабӣ, аз ҷумла ҳикоя, ҳаҷвия ва саҳнача шудааст ва баръакс, адабиёт ба ташаккули жанрҳои матбуотӣ, мисли фелетон ва репортаж, таъсир расонидааст. Ин натиҷаҳо аз ҳисоби талошҳои мустақими довталаб ба даст омада, саҳми ӯро дар илмҳои адабиётшиносӣ ва рӯзноманигорӣ нишон медиҳанд. Ғайр аз ин, довталаб бо нашри як монография ва 27 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 15 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои таҳқиқи худро тасдиқ кардааст. Ҳамин тавр, саҳми шахсӣ дар таҳқиқ, хулосабарорӣ ва интишорот доир ба мавзуи диссертатсия асоснок мегардад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 2-юми октябри соли 2025 дар бораи сазовор донистани Абдурраҳимзода Бахтиёр Абдурраҳим ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №360/шд), аз ҷумла, 5 нафар докторони илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа ҳузурдошта дар овоздиҳии пинҳонӣ 15 нафар доктори илм иштирок намуд. Натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ: тарафдор – 14 нафар, муқобил – 1 нафар, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

02.10.2025.